**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсионии Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Халифазода Ҷ.Б. аз он бармеояд, ки ташаккули кластерҳои пахта, ки он ба татбиқи барномаҳои дарозмуҳлат дар минтақаҳои кишвар хизмат намуда, яке аз унсурҳои самараноки таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва инноватсионӣ, ҷалби бештари сармояҳо ва рақобатпазирии соҳаҳои комплекси агросаноатиро таъмин менамояд. Вобаста ба ин, ташаккул кластерҳои пахта ва дар заминаи он, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндагии шоистаи аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии илмӣ ба ҳисоб меравад.

Халифазода Ҷовидон Бобохон соли 2014 ба ихтисоси суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура, аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2020 зинаи мазкурро бо ихтисоси иқтисодчӣ (ихтисоси андоз ва андозбандӣ) хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз оператор-ҳуҷҷатнигорӣ факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ оғоз карда, баъдан ба ҳайси эдвайзер оид ба тарбияи факултети мазкур кор ва фаъолият намудааст. Аз моҳи августи соли 2022 ба ҳайси сардори шуъбаи кор бо ҷавонон ва ҳамзамон ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи двлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Дар баробари ин Халифазода Ҷ.Б. аз соли 2020 унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Халифазода Ҷ.Б. ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ, дараҷаи баланди мустақилият ва кордониро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаъҳои назариявӣ-услубии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин, Халифазода Ҷ.Б. ҳамасола дар конфронсҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаю фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Сатҳи дониш ва усулҳои омӯзиши унвонҷӯ Халифазода Ҷ.Б. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат намуда, ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмӣ, сари вақт иҷрокунандаи супоришҳои вобаста ба иҷрои рисолаи илмӣ ва масъулиятшинос нишон дода тавонист. Хислати серталабӣ ташкилотчигӣ ба ӯ имконият дод, то натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа таҳлилу шарҳ диҳад ва усулбҳои зарурии таҳқиқотиро

мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Умуман, Халифазода Ҷ.Б. дар давоми таҳсил худро чун муҳаққиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақили илмӣ нишон дода, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст баҳогузорӣ ва муайян намудааст. Дар ҷараёни корӣ ӯ доираи васеи адабиётҳои ватанию хориҷиро вобаста ба мавзуи таҳқиқот омӯхта, таҷрибаи кории бахши таҳқиқшавандаро дуруст омӯхтааст.

Кори диссертатсионии Халифазода Ҷ.Б. аз муқадима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима,** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии ташаккули кластерҳои пахта дар шароити иқтисоди бозорӣ»** - ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои минтақавии ташаккули кластерҳои пахта, принсипҳо ва функсияҳои асосии рушди кластерҳои пахта дар минтақа ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта ва имконияти тадбиқи он баён гардидаанд.

**Дар боби дуюм «Таҳлили вазъи самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон»** - ҳолати кунунии рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаи Хатлон ва арзёбии самаранокии кооператсия ва ҳамгироӣ дар ташаккули кластерҳои пахтакории минтақаҳои агросаноатӣ бararсӣ гардидааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон»** - дастгирии давлатии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақа, самт ва роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кластерҳои пахта дар минтақа мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамадии назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вобастагӣ ба омилҳои таъсиррасон ба ташаккул кластерҳои пахта бо мақсади фаъолияти самараноки занҷираи истеҳсолӣ-технологии иштирокчиёни он аз ҷониби муаллиф дар ҳар як зербоби кори илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои мушаххас гирд оварда шудааст.

Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро таҳқиқи назарияҳо, услубҳо, омилҳо ва тамоюлҳои асосии таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ оид ба ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаи Хатлон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар назди худ вазифаҳои дигарро бо мушаххасгардонии

хусусиятҳои минтақавии ташаккули кластерҳои пахта ва самтҳои асосии дастгирии давлатӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро оид ба ташаккули кластерҳои пахта ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ карда шудааст.

Диссертатсияи Халифазода Ҷ.Б. дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ омода карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосири рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаи Хатлон ҷиҳати ташаккули кластерҳои пахта илман асоснок гардидаанд.

Хулоса, диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Давлатзода Қ.Қ.

24.09.2022